*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 106 (4526) | ҶУМЪА, 26 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ

**25 августи соли 2022 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро супориданд.**

Қабл аз оғози маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати Ҷашни 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳният гуфта, таъкид намуданд, ки дар арафаи ин ҷашн бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонидани намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар соҳаҳо, нишонаи қадршиносии Ҳукумат мебошад.

Бояд гуфт, ки аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои пешрафти соҳаҳои саноату кишоварзӣ, нақлиёту энергетика, сохтмон, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, варзиш ва идома додани татбиқи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда корҳои зиёд ба анҷом расидаанд.

Таъкид гардид, ки соли 2022 дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ба сифати боз як соли бобарор сабт мегардад, зеро бо вуҷуди таъсири манфии вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодии минтақа ва ҷаҳон ба иқтисоди миллии мо соли ҷорӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо, як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки дар амалӣ гардидани корҳои зикршуда ҳиссаи ҳар яки шумо - дар ин толор нишастагон арзанда мебошад. Таъкид шуд, ки ҷавобан ба ғамхориҳои Давлату Ҳукумат мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ, аҳли маориф, зиёиёну эҷодкорон дар соҳаву бахшҳои худ, софдилона заҳмат кашида, ба хотири анҷом додани иқдомоти созанда ташаббусҳои ватандӯстона карда истодаанд. Роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати мамлакат заҳмати софдилона, хизмати содиқона ва фаъолияти созандаи ҳар шахсро ба таври шоиста қадрдонӣ мекунанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ҳамаи мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҳар як амали созандаи мо ва фаъолияти ободгаронаамон заминаи устувор барои зиндагии шоистаи насли имрӯз, ояндаи фарзандон ва наслҳои минбаъдаи халқамон мебошад. Яъне, аз корманди одӣ сар карда, то олимону зиёиён, мутахассисон ва ходимони сиёсӣ бояд дар доираи донишу малака ва имконияту таҷриба барои рушди давлат, ободии Ватан ва осоишу оромии ҷомеа вазифаи инсонӣ ва қарзи шаҳрвандиро иҷро намоянд.

Президенти мамлакат ёдовар шуданд, ки бо заҳмати содиқонаи мардуми ватандӯсти тоҷик барои истиқболи сазовори Ҷашни 31- солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин ҷашни муқаддаси миллӣ беш аз 25 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода супорида шуд, ки дар натиҷа, имрӯз симои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон, то дурдасттарин деҳоту маҳалҳои аҳолинишини он хеле обод ва дигаргун шуда, шароити зиндагии мардум нисбат ба солҳои пеш ба маротиб беҳтар гардидааст.

Ҳоло раванди ободониву созандагӣ ҷиҳати бо дастовардҳои арзанда истиқбол намудани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон бомаром идома дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки то ин ҷашни бузург боз ҳазорҳо иншооту биноҳои навбунёд қомат афрохта, симои шаҳру ноҳияҳо куллан дигаргун мегардад ва барои ҳамватанонамон садҳо ҳазор ҷои нави кор фароҳам мешавад.

Сарвари давлат аз фаъолон даъват ба амал оварданд, ки онҳо ҳамчун шахсиятҳои ташаббускору пешсафи ҷомеа, бояд минбаъд низ саҳми ватандӯстона дар раванди ободонии Ватани азизамон ва боз ҳам пешрафта гардонидани давлати соҳибистиқлоламон гузоранд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат як гурӯҳи зиёди намояндагони фаъоли ҷомеа, аз ҷумла олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат, коргарону сохтмончиён, кишоварзон ва соҳибкорон, ки дар рушди кишвари азизамон саҳми арзишманд гузоштаанд, бо мукофоту ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз шуданд.

Ҳамин тавр, дар фазои тантанавӣ барои дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг, санъат, сохтмон, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисоди миллии мамлакат бештар аз 200 нафар олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат, коргарону сохтмончиён, кишоварзон ва соҳибкорон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ордени Шараф дараҷаи I, ордени Шараф дараҷаи II, медали Хизмати шоиста, медали Шафқат, унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистика дар соли 2022, Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника дар соли 2022, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2022 ва Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2022 қадрдонӣ шуданд.

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон», бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги мамлакат, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва дастовардҳои баланди истеҳсолӣ 25 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар бо унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, 2 нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, 11 нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар бо ордени Шараф дараҷаи I, 23 нафар бо ордени Шараф дараҷаи II, 82 нафар бо медали Хизмати шоиста, 4 нафар бо медали Шафқат, 2 нафар бо унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, 7 нафар бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат, меъморӣ ва журналистика, 3 нафар бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника дар соли 2022 - юм, 1 нафар бо унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва 8 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

Ҳамчунин, тибқи қарори комиссияи дарёфти Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, 12 нафар барандаи Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2022 гардиданд.

Ёдовар мешавем, ки 18 марти соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар муассисаҳои таълимӣ ва беҳтар кардани сифати таҳқиқоти илмӣ дар ҳамаи институту марказҳои илмии академӣ пешниҳод намуданд, ки Ҳукумати мамлакат барои ҳавасманд гардонидани олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ мукофоти махсуси давлатӣ таъсис диҳад ва ҳар сол 15 нафар омӯзгорону олимони беҳтарин бо ин мукофот сарфароз гардонида шаванд.

Дар маросими мукофотсупорӣ бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2022- юм 14 нафар сарфароз шуданд.

Дар анҷоми маросим Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи нафаронеро, ки барои фаъолияти пурсамар дар роҳи рушду пешрафти ҷомеа аз ҷониби роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакат бо мукофотҳои олӣ қадрдонӣ гардидаанд, самимона табрик гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки фарзандони содиқи Ватан минбаъд низ имконияту қобилияти зеҳнӣ, донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро барои боз ҳам ободу пешрафта гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат равона месозанд.

**www.president.tj**

## ГУФТУГӮИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МЭРИЛИН ЙОСЕФСОН



**25 августи соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон хонум Мэрилин Йосефсонро, бинобар анҷоми ваколати дипломатиаш дар Тоҷикистон, ба ҳузур пазируфта, масъалаҳои рушди ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла робитаҳои байнипарламентиро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Зимни мулоқот муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз сатҳу сифати ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятиву фарҳангӣ, инчунин масъалаҳои мубрами минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, саҳми хонум Мэрилин Йосефсонро дар рушду тавсеаи муносибатҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас арзёбӣ кард.

Ҳамчунин, барои кумакҳои ҷониби Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон дар давраи паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва барои ҷонибдории Иттиҳоди Аврупо аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар масъалаҳои марбут ба об ва тағйирёбии иқлим изҳори миннатдорӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни баррасии масъалаҳои муҳими муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ зарурати истифодаи имконотро дар соҳаҳои саноат, истихроҷи маъдан, инфрасохтор, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва сайёҳӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Бо назардошти вазъи феълии Афғонистон ҷонибҳо масъалаҳои тавсеаи ҳамкориро дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ низ мавриди баррасӣ қарор доданд.

**www.majmilli.tj**

## ҚАРОРИ

## КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи ниҳоии интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколатҳои аъзои интихобшуда**

Мувофиқи моддаҳои 12, 43, 51, 52, 55 ва 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 аз 26 августи соли 2022, ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии овоздиҳӣ дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 -ро гузаронида, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Ҷаласаҳои якҷояи Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 салоҳиятнок ҳисобида шавад.

2. Номзадҳо Мирзонабот Алишер Худобердӣ бо гирифтани 315 (100%) овози вакилони интихобкунанда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва Исматзода Азизулло Убайдулло бо гирифтани 339 (97,41%) овози вакилони интихобкунанда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ № 5, ки дар интихоботи рӯзи 26 августи соли 2022 интихоб шудаанд, ба қайд гирифта, ваколатҳояшон тасдиқ карда шаванд.

3. Ба аъзои интихобшудаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида шаҳодатномаи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**
**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**
**шаҳри Душанбе, 26 августи соли 2022, № 178**

## ИТТИЛОИЯ

**26 августи соли 2022 таҳти роҳбарии раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Худоёрзода Бахтиёр Тавар ҷаласаи Комиссияи марказӣ баргузор гардид. Дар он масъалаи тасдиқи натиҷаҳои интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5, ки 26 августи соли 2022 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар асоси пешниҳодҳои Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатии зикршуда ду номзад ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буд.

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот, овоздиҳӣ 26 августи соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихоботии бисёрмандатӣ дар интихоботи миёнадаврӣ 97,5 фоизи вакилони интихобкунанда аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он ва 83,45 фоизи вакилони интихобкунанда аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуданд. Тибқи талаботи моддаи 43 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷаласаҳои якҷояи Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатии зикршуда салоҳиятнок ҳисобида шуд.

Дар асоси моддаҳои 51 ва 52 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар интихоботи 26 августи соли 2022 номзадҳо Мирзонабот Алишер Худобердӣ бо гирифтани 315 (100%) овози вакилони интихобкунанда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1 ва Исматзода Азизулло Убайдулло бо гирифтани 339 (97,41%) овози вакилони интихобкунанда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ба қайд гирифта, ваколатҳояшон тасдиқ карда шуданд.

Ҳамин тавр, интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази аъзои хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатии зикргардида ба таври ошкоро, шаффоф ва озод бо иштироки фаъоли вакилони интихобкунанда баргузор гардид.

# «ПОМИРИНВЕСТ - 2022»:
## Қадами устувор дар ҷодаи рушд

**Дар асоси супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанде пеш дар шаҳри Хоруғ Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузории «Помиринвест - 2022» баргузор гардид.**

Қабл аз оғози чорабинӣ иштирокчиён аз намоиши молу маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ боздид намуданд.

Дар форуми мазкур беш аз 150 иштирокчӣ, аз ҷумла роҳбарону намояндагони сохторҳои марбутаи давлатӣ, сармоягузорон аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Туркия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва доираҳои соҳибкории шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон иштирок намуданд.

Маросими расмӣ бо сухани ифтитоҳии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода, вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир оғоз гардид.

- Мақсад аз баргузории чорабинии сатҳи байналмилалӣ ҷалби донорҳо ва шарикони рушд, иштироки ҷавонон дар пешрафти кишвар, саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, рушди ҳунармандӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ - иҷтимоии вилоят мебошад, - иброз намуд раиси ВМКБ.

Таъкид шуд, ки дар 20 соли охир рушди иқтисодиёт дар вилоят 7,5 фисад таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 160 миллион сомонии соли 2005 - ум ба 1 миллиарду 278, 8 миллион сомонӣ дар соли 2021 расид.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода доир ба тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба ВМКБ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону сармоягузорон, инчунин, самтҳои ояндадори ҳамкорӣ сухаронӣ намуд.

Дар чорабинӣ навори видеоии имкониятҳои сармоягузории вилоят ба намоиш гузошта шуд ва мавзӯъҳои «Ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба иқтисодиёти ВМКБ», «Рушди соҳаҳои саноат ва энергетика дар ВМКБ» бо тавaҷҷуҳ ба эълон гардидани солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Имкониятҳои рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори соҳа» баррасӣ гардиданд. Дар рафти форум мулоқоти соҳибкорон сурат гирифта, тарафҳо ҷиҳати густариши робитаҳои судманди иқтисодиву иҷтимоӣ ба мувофиқа расиданд.

Дар ин замина, 30 санади нави ҳамкорӣ ба маблағи беш аз 950 миллион сомонӣ дар соҳаҳои сохтмон, истихроҷ, кишоварзӣ, саноати коркард, ташкили IT- паркҳо ва дигар самтҳои ояндадор ба имзо расиданд.

**М. ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

Дӯст гӯяд табарвор

# НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ:



## Имконияте, ки журналистон самаранок истифода намебаранд

**Аз 11 июли соли равон тибқи нақшаи тасдиқнамудаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳои давлатӣ шурӯъ гардида, панҷуми августи ҳамин сол ба итмом расид. Чунин нишастҳо ҳар шашмоҳа дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гардида, далели возеҳи таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат ба фаъолияти журналистон ва эътимод ба онҳо маҳсуб мешавад.**

Шояд дар олам кам кишваре мавҷуд аст, ки Роҳбари давлати он аз тариқи фармони алоҳида мансабдоронро вазифадор намудааст, то мунтазам ба назди журналистон бароянд ва ҳисобот диҳанд.

Муҳим он аст, ки нишастҳои матбуотии мавриди назар журналистон ва тавассути онҳо аҳли ҷомеаро дар шинохти мансабдорони раддаи аввал амиқтар мебарад. Аз ҷониби дигар, ин иқдом идомаи мантиқии ибтикори қаблӣ - ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи таҳлилӣ ва танқидии воситаҳои ахбори омма» буда, дар сурати самаранок истифода гардидан барои беш аз пеш боло бурдани мақому манзалати журналистон дар ҷомеа имкони мусоид мебошад.

Мутаассифона, мо - журналистон аз ин имкониятҳои фароҳамшуда самаранок истифода намебарем. Манзури ман муносибати дуюмдараҷа зоҳир намудану бетафовутии баъзе масъулини воситаҳои ахбори омма ба нишастҳои матбуотӣ мебошад.

Аксар маврид ба чунин чорабиниҳо журналистон бе омодагӣ ва бидуни доштани маълумот дар бораи ваколату салоҳияти ниҳоди нишасти матбуотӣ доирменамуда меравaнд. Дар натиҷа, саволҳои ба фаъолияту ваколат рабтнадошта ва ҳатто дар баъзе маврид хандаовар медиҳанд.

Табиист, ки дар чунин ҳолат соҳибмансабон ба журналистикаи муосир ва касбияти журналистон маҳз аз ҳамин зовия баҳогузорӣ менамоянд. Ба ибораи дигар, фикр мекунанд, ки сатҳи донишу касбияти ҳама журналистон чунин аст.

Дар марҳилаи баргузории чорабинии зикршуда аксар журналистон аз ширкат наварзидани роҳбарони аввали баъзе вазорату идораҳо шиква мекунанд. Онҳое, ки чунин иддао доранд ба маънои томаш «кӯри худу бинои дигаронанд»... Зеро масъулини аксар воситаҳои ахбори омма барои иштирок дар нишастҳои матбуотӣ кормандони одӣ ва ҳатто журналистони навкорро равон менамоянд. Шахсан барои ман муаммо аст, ки чаро сармуҳаррирон, муассисон ва журналистони соҳибном аз иштирок дар нишастҳои матбуотӣ худдорӣ менамоянд?

Агар шахсони мавриди назар ба нишастҳо мерафтанд, шаҳомати чунин чорабиниҳо меафзуду журналистони «нишастгард» дар ҳошия мемонданд.

Бо арзи эҳтиром аз ҳамкорони гиромӣ хоҳишмандам минбаъд дар нишастҳои матбуотӣ фаъолона ширкат варзида, ба ин васила, касбияту маданияти баланди журналистонро ба маъраз гузоранд.

Ин иқдом, агар аз як ҷониб, барои баҳравар гаштани шаҳрвандон аз матолибу гузоришҳои пурмуҳтаво ва таваҷҷуҳбарангез мусоидат намояд, аз дигар тараф, ба болоравии нуфузу манзалати журналистон, ки айни замон ба он сахт ниёзмандем, таҳрик мебахшад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ

*«Таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ яке аз ибтикороти муҳими Ҳукумати мамлакат дар самти рушди илму маориф маҳсуб меёбад. Ҳоло дар хориҷи кишвар зиёда аз 40000 нафар донишҷӯ, магистр ва аспирантҳои мо ба таълим фаро гирифта шудаанд».*
**(Иқтибос аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, 21 майи соли 2021)**

# ИМКОНОТИ ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Дар 31 соли соҳибистиқлолӣ ҷавонони мо дар соҳаи илму маориф имконоти зиёд пайдо карданд. Мактабу коллеҷ, литсею гимназия ва донишкадаву донишгоҳҳои зиёд дар кишвар таъсис ёфтаву бо ихтисосҳои бозоргир фаъолият менамоянд. Вале бартарӣ ё неъмати дигари истиқлолият, ин ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад, ки ҷавонони мо барои таҳсил дар макотиби олии кишварҳои хориҷӣ имкон пайдо карданд.**

Матлаби зер доир ба имконоти таҳсил дар хориҷи кишвар, нақши бурсияҳои донишгоҳҳои хориҷӣ, иқдомоти Ҳукумати мамлакат, назари ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта ва ғайра маълумот медиҳад.



### ИМКОНИЯТҲОИ ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶИ КИШВАР

То ин дам бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат бо даҳҳо кишвари пешрафтаи дунё созишномаҳо имзо гардида, ҷавонони зиёд аз ҳисоби бурсияҳои барои Тоҷикистон ҷудошуда дар он давлатҳо таҳсил карда истодаанд. Ин имконотро Ҳукумати кишвар ба ҷавонон махсус барои омода кардани кадрҳои дорои сатҳи баланди касбият ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ додааст.

Муносибатҳои байналмилалӣ маҳаки асосии ҳамкории байни кишварҳо дар самтҳои гуногун маҳсуб меёбад. Маҳз зимни сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф дар ҷои аввал гузошта шудааст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2009 қарор дар бораи таъсиси Маркази барномаҳои байналмилалиро қабул намуд, ки он аз 3 марти соли 2014 зерсохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Мақсад аз таъсисёбии марказ он аст, ки ҷалби хонандагон ва донишҷӯёни болаёқатро барои таҳсил дар хориҷи кишвар ба танзим даровaрда, бо муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар робита барқарор намояд. Инчунин, бо мақсади тайёр намудани кадрҳои ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазир бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ шартномаҳоро ба имзо мерасонад.

Ҳамчунин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 барои дар сатҳи байналмилалӣ омода намудани мутахассисони ҷавон стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис дода шуд.

Соли 2022 аз Федератсияи Россия, Туркия, Хитой, Венгрия, Озарбойҷон, Руминия, Малайзия, Япония, Корея, Тайланд барои таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон бурсияҳо ҷудо гардидааст.

Аз соли 2014 дар назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш «Маҳфили ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта» бо мақсади муттаҳид гардонидан, баррасии мушкилоту камбудиҳои ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта, инчунин дастгирии ҷавонони боистеъдод таъсис дода шуд.

Ҳоло боз ду роҳи дигар ҳам ҳаст, ки ҷавонони тоҷик имкони дар хориҷи кишвар таҳсил карданро пайдо мекунанд. Якум, таҳсил дар барномаи махсуси ташкилоти «zypl.ai», ки давраи омодагӣ ва иштирок дар грантҳои донишгоҳҳои хориҷӣ маҳсуб мешавад. Ин маркази таълимӣ мактаббачагонро барои гирифтани грантҳо омода мекунад ва бо барномаи таълимии бонуфузтарин макотиби олии кишварҳои хориҷӣ шинос менамояд.

Дуюм, забони хориҷиро аз худ кардан ва бевосита ба макотиби олии касбии кишварҳои хориҷӣ мактуб навиштан аст. Ҳоло дар кишвар марказҳои забономӯзии зиёд мавҷуд аст, ки наврасону ҷавонон метавонанд забони хориҷии мехостаашонро омӯзанд ва ба воситаи интернет бо маъмурияти ин ё он мактаби олӣ тамос гирифта, барои таҳсил кардан дархост фиристанд.

Солҳои охир ҷавонони тоҷик бо роҳи дуюм тавонистанд, ки таҳсилашонро дар хориҷи кишвар хеле зиёд давом диҳанд.

Дар умум, айни ҳол шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар 27 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд, 41 542 нафарро ташкил медиҳад.

### ШАРОИТИ ТАҲСИЛ ДАР МАКОТИБИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ АЗ ЗАБОНИ ДОНИШҶӮЁН

Мо чанд ҷавони тоҷикро пайдо кардем, ки бо роҳҳои гуногун шомили муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ шудаанд.

Бедил Шамсов, яке аз онҳост, ки дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо стипендияи президентӣ таҳсил карда, онро бо дипломи аъло хатм намудаву барои идомаи таҳсил ба Федератсияи Россия рафтааст.

Номбурда гуфт, ки пас аз хатми донишгоҳ бо барномаи стипендиявӣ барои омӯзиши зинаи ординатура ба шаҳри Уфа сафар кард. Ду сол ин зинаи таҳсилро ба итмом расонид ва ҳоло аспиранти Донишгоҳи тиббии шаҳри Уфаи Ҷумҳурии Бошқирдистон мебошад. Имсол курси якумро ба итмом расонид ва шабона дар беморхона кор мекунад.

- Таҳсил ва корам дар шаҳри Уфа бисёр хуб ҷараён дорад. Пас аз хатми аспирантура самараи ин заҳматҳоро дар Ватан амалӣ мекунам, - афзуд ӯ.

Ҷонона Келдиева, хатмкардаи зинаҳои бакалавриат ва магистратураи Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон буда, ҳоло дар Олмон қарор дорад.

Ӯ бо барномаи «Au Pair» имкон пайдо кардааст, ки ба Олмон барои таҳсилу зиндагӣ равад. Ин барнома ба хориҷиён имкон медиҳад, ки дар оилаи олмониҳо зиндагӣ кунанд ва забони олмониро аз худ намоянд.

Ҷонона метавонад як сол дар хонаи оилаи олмонияш зиндагӣ кунад. Агар он оила розӣ бошад, метавонад бо барномаҳои дигар таҳсилро давом диҳад ва дар оилаи онҳо иқомат кунад.

- Ният дорам, ки таҳсиламро тавассути барномаҳои дигар идома диҳам ва ҳамчун мутахассиси арзанда ба Ватан баргардам, - афзуд Ҷонона.

Салмон Юнусов ҳам аз ҷавононест, ки пас аз як соли таҳсил дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон имкони дар Олмон таҳсил карданро пайдо кард.

Тибқи барномае, ки ӯ ба Олмон рафтааст, таҳсил ва кор мекунад.

Номбурда соли сеюми таҳсилро ба итмом расонид, як ҳафта дарс мехонад ва ҳафтаи дигар дониши азхудкардаро дар амалия татбиқ мекунад.

- Падарам мегуфтанд, ки кӯшиш кун, то соҳиби ҳунаре шаву илм низ омӯз. Ҳолате мешавад, ки илм лозим намешавад, вале ҳунар ба кор меояд. Боз мешавад ҳолате, ки баръакс бошад.

### ОХИРСУХАН

Боиси ифтихор аст, ки ҳоло ҷавонони тоҷик баробари ҷавонони дигар кишварҳо дар макотиби олии бонуфузи давлатҳои гуногун таҳсил мекунанду илм меомӯзанд. Ин натиҷаи истиқлолияти давлатӣ ва дастгириҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ҷавонони кишвар баробари таҳсил дар хориҷа, пайваста дар муаррифии арзишҳои фарҳангию миллии мо саҳмгузор мебошанд. Моро мебояд, ки ҷиҳати дар сатҳи хубу сифати баланд ба роҳ мондани таҳсили ҷавононамон дар хориҷи кишвар беш аз пеш кӯшиш намоем, то онҳо дар оянда ба сифати кадрҳои баландихтисос тавонанд дар пешрафти мамлакат саҳмгузор бошанд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза



# ПАХТАЧИНОНРО ҲАВАСМАНД КУНЕД
## Нархи «тиллои сафед» дар бозори ҷаҳонӣ 30 дарсад афзуд

**Офатҳои табиии соли равон ба ҳосили пахта дар кишварҳои асосии истеҳсолкунандаи «тиллои сафед» таъсири манфӣ расонид. Масалан, дар бузургтарин кишвари истеҳсолкунандаи пахта – Ҳиндустон дар натиҷаи боридани боронҳои сел ва ҳамлаи зараррасонҳо ҳосили ин зироати муҳими техникӣ кам шуд. Аз ин рӯ, ин кишвар аз дигар кишварҳо нахи пахта ворид мекунад.**

Гармшавии бесобиқаи ҳаво дар Хитой низ эҳтимоли камшавии ҳосилро зиёд намуд. Дар ИМА (бузургтарин кишвари содироткунандаи пахта) хушксолӣ ба ҳосилнокии пахта таъсири манфӣ расонид. Хушксолӣ ҳосили пахтаро дар Бразилия (дуюмин кишвари бузурги содироткунандаи пахта дар ҷаҳон) 30 дарсад кам намуд. Нисфи содироти пахтаи ҷаҳон ба ИМА ва Бразилия рост меояд.

Боронҳои ғайричашмдошт дар Покистону Австралия сифати нахи пахтаро дар ин кишварҳо паст кард. Аз ин рӯ, нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ 30 дарсад боло рафт. Дар баробари ин нархи матоъҳои пахтагин ва либосҳои тайёру картон ва коғаз низ баланд шуд.

Ҳоло дар ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ ҳосили фаровони пахта дида мешавад. Сарварони хоҷагиҳоро зарур аст, ки бо ҳавасмандкунии пахтачинон ҳосили расидаро сари вақт ҷамъоварӣ намоянд.

Рӯёнидани ҳосили фаровони пахта метавонад боиси истеҳсоли бештари равғани чигит ва кунҷора шавад. Ин дар навбати худ сабаби арзоншавии равған ва маҳсулоти шириву гӯшт мегардад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# АВҶИ КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШН

**- Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёдкорӣ идома дорад. То соли 2026 эъмори 323 иншооти таъиноти гуногун бо харҷи 93 миллиону 917 ҳазору 948 сомонӣ дар назар аст, - гуфт раиси ноҳия Бозоралӣ Одиназода.**

Дар ин давра 49 иншооти таъиноти гуногун мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар онҳо 68 сокини маҳаллӣ бо ҷои кор таъмин шуданд.

Сохтмону навсозии се муассисаи таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ бо 180 ҷои нишаст дар назди МТМУ 26, боғчаи бачагона бо фарогирии 100 кӯдак дар деҳаи Чубек, ду дорухона дар деҳаҳои Тудабоён ва Сайроб, бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Гулрез, ду майдончаи варзишӣ дар деҳаҳои Гулобод ва Тудабоён, маркази касбомӯзии ҷавонон дар деҳаи Сомониён, корхонаи истеҳсоли орд дар деҳаи Сафедоб, фабрикаи парандапарварӣ дар деҳаи Ориёно, асфалтпӯш гардидани 5,25 километр роҳи маҳаллаи Исмоили Сомонии шаҳраки Москва ва кашидани хатти оби нӯшокӣ дар масофаи 2 километр дар деҳаи Меҳрвар аз корҳои амалишуда мебошанд.

Дар ноҳия татбиқи ҳашт лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 12,4 миллион доллари америкоӣ идома дошта, 4 миллиону 194 ҳазор сомонӣ сармояи мустақим низ ҷалб шудааст.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ОБАНБОРИ «КОФАРНИҲОНИ ПОЁН»
## Лоиҳае, ки даҳҳо ҳазор гектар заминро шодоб мекунад

**Соли 1983, дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, бо мақсади обёрии даҳҳо ҳазор гектар замини ташналаб дар ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритуси вилояти Хатлон бунёди обанбори «Кофарниҳони Поён» оғоз шуда буд. Ин обанбор мебоист соли 1993 мавриди истифода қарор мегирифт. Мутаассифона, сохтмони он нотамом боқӣ монд.**

Арзиши лоиҳавии сохтмон соли 1984-ум 416 миллион доллари ИМА пешбинӣ ва дар ин мавзеъ эъмори шаҳраки сохтмончиён, ки 200 хонаро дар бар мегирифт, оғоз шуда буд. Агар «Кофарниҳони Поён» сохта мешуд, дар ҳудуди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мутаносибан ду ноҳияи нав ташкил мешуд.

Инчунин, дар ин мавзеъ, тибқи нақша, бояд неругоҳи барқи обӣ сохта мешуд, ки мавзеъҳои навташкилро бо барқ таъмин мекард. Мувофиқи маълумоти ҳамон давра, аз ҳисоби ба кор андохтани замини бекорхобидаи ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритус солона 85 ҳазор тонна пахта истеҳсол мешуд.

Таърихшиноси минтақа ва собиқадори меҳнат Қувваталӣ Додов дар мусоҳибааш бо рӯзноманигорон гуфтааст, ки лоиҳаи «Кофарниҳони Поён» бо назардошти афзоиши босуръати аҳолӣ, омода шуда буд. Ҳамон вақт дар ин мавзеъ чуқуриҳо барои рехтани таҳкурсии сарбанд кофта буданд. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон, агар ин обанбор сохта мешуд, он ҳамагӣ дар панҷ сол хароҷоташро ҷуброн мекард.

Роҳбари пешини Институти илмию истеҳсолии лоиҳакашии «Нурофар» ва собиқ директори ПМК - 12 Талбон Ҳакимов зимни мусоҳиба зикр кардааст: «Ин лоиҳаро даҳҳо институтҳои Иттиҳоди Шӯравӣ омода кардаанд. Он дар соҳаи мелиоратсияи ду кишвар - Тоҷикистону Ӯзбекистон бесобиқа маҳсуб меёбад. Бо татбиқи ин лоиҳа метавонанд даштҳои ташналаби Курҷалолқум, Гулзор, Чордағал, Каниздеҳа ва Бешкентро обёрӣ кунанд».

Перомуни ин масъала муҳандис - гидротехник Геннадий Колитсов чунин гуфтааст:

- Дар минтақае, ки ин сохтмон ба нақша гирифта шуда буд, метавон зироати зиёди ситрусию субтропикӣ парвариш кард. Он яке аз водиҳои зархез ба ҳисоб меравад. Ин омили муҳим аст. Зеро дар ин мавзеъ дар моҳҳои июл - август дар ҳаҷми 243 миллион метри мукааб мушкили норасоии оби полезӣ ба назар мерасад.

Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода зимни нишасти матбуотӣ дар робита ба ин масъала чунин гуфт: «Ин лоиҳа аз даврони шӯравӣ боқӣ мондааст ва яке аз беҳтарин лоиҳаҳои обёрӣ мебошад. Бо сохтмони обанбори мазкур беш аз 37 ҳазор гектар замини бекорхобидаи мавзеи Қубодиёну Шаҳритус обёрӣ хоҳанд шуд. Зимни сафарҳои кории хеш ба вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон дидем, ки он мушкилоте, ки мо вобаста бо обёрӣ дар мавзеи Қубодиёну Шаҳритус дорем, онҳо низ доранд. Ин лоиҳа дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии Тоҷикистон низ дар марҳилаи баррасӣ аст. Дар сафарҳои ояндаи роҳбарияти вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон ба вилояти мо оид ба сохтмони ин обанбор суҳбат хоҳем кард».

Умед аст, ки дар оянда бо ҷонибдории ду давлати бо ҳам дӯст ин лоиҳаи манфиатбахш амалӣ гардида, садҳо ҳазор гектар замини ташналаб шодоб хоҳад шуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

**Дар рафти ҷанги дохилии солҳои навадуми асри ХХ, ки сабаби асосии сар задани он фаъолияти тахрибкоронаи ташкилоти террористии наҳзат буд, ҳазорон фарзандони миллати тоҷик нобуд гардиданд. Мутаассифона, дар он замон аз дасти қотилони наҳзатӣ шумораи зиёди донишмандону равшанфикрон, ҷавонмардони баномусу ҷасур низ ҷон бохтанд.**

Мақсад аз ҷисман нобуд кардани сиёсатмадорон, олимону донишмандон ва эҷодкорону зиёиён аз ҷониби наҳзатиҳои террорист ба гумроҳӣ бурдани аҳолӣ, аз аслу насаби хеш дур сохтани халқ, задани теша ба решаи миллат ва бад-ин васила пиёда кардани ҳадафу нақшаи хиёнаткоронаву душманонаашон буд. Зеро ҳузури шахсиятҳои огоҳу бедор ва фаъолияти миллатдӯстонаву меҳанпарастонаи онҳо монеаи бузург дар роҳи пиёда кардани аҳдофи нопоку палидонаи террористони наҳзатӣ буд.



# ҲОМИИ ҚОНУНУ АДОЛАТ

Аз ин рӯ, саркардагони ташкилоти террористии наҳзат ва хоҷагону пуштибонҳои хориҷиашон сари мақсад омаданд, ки бояд шахсиятҳои саршиносу таъсиргузори ҷомеаро ҷисман аз байн баранд. Маҳз бо ҳамин мақсади касиф ҷаллодону қотилони наҳзатӣ шахсиятҳои маъруф, чун Моёншо Назаршоев, Мунавваршо Назриев, Абдураҳим Раҳимов, Ҳайдар Қосимов, Муҳаммад Осимӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Юсуф Исҳоқӣ, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Фатҳуллохон Шарифзода, Муродулло Шерализода, Махсум Олимӣ, Карим Юлдошев, Нурмаҳмад Атобеков ва садҳо рӯзноманигорону эҷодкоронро ба таври ваҳшиёна ба қатл расониданд.

Яке аз чунин шахсиятҳои миллатдӯсту меҳанпараст ва ҳомии қонуну адолат Нурулло Ҳувайдуллоев буд, ки солҳои 1991-1992 дар вазифаи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа мекард. Мавсуф намояндаи мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори генералӣ ва шахси ба касбияти худ содиқ ва донишманд буд.

Нурулло Ҳувайдуллоев пас аз хатми факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) аз солҳои 60-уми асри ХХ дар системаи прокуратура корро оғоз намуда, то ба дараҷаи прокурори генералӣ расид. Ӯ дар баробари намояндаи мардумӣ дар Шӯрои Олӣ ва прокурори генералии Тоҷикистони соҳибистиқлол буданаш, дар як вақт муовинии раиси Иттиҳоди ҳуқуқшиносони ИҶШС ва раисии Иттиҳоди ҳуқуқшиносони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Ӯ ҳамчун номзади илми ҳуқуқшиносӣ, олими ҳуқуқдон ва устоди шинохта аз байни фарзандони меҳнаткаши одӣ теъдоди зиёди шогирдон, ҳуқуқшиносони маъруфро тарбия намудааст, ки имрӯз дар прокуратура, суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ садоқатмандона хидмат мекунанд ва посдори номи неки ӯ ҳастанд.

Қаҳрамони матлаб аз зумраи ҳуқуқшиносоне буд, ки риояи бечунучарои Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаро бо қатъияти том талаб менамуд. Ӯ мутмаин буд, ки риоя нашудани қонун ва бе ҷазо мондани ҷинояткорон сабаби бадбахтӣ ва нооромии ҷомеа гардида, кишварро ба буҳрони сиёсӣ мувоҷеҳ мегардонад.

Ба вазифаи прокурори генералии Тоҷикистон расидани номбурда ба солҳои аввали навадуми асри ХХ рост меояд, ки замони нооромиҳои сиёсӣ дар кишвар буд. Аз як сӯ, ба даст омадани истиқлолияти давлатии кишвар ва аз тарафи дигар, ба дасти хоинони миллаткуши наҳзатӣ бо роҳи зӯрӣ, ғайриқонунӣ, тарсафканӣ, ҷиноятпешагӣ мардуми ноогоҳро аз минтақаҳо ба пойтахт оварда, ба роҳ мондани табаддулоти сиёсӣ ва бо роҳи ғайриқонунӣ ғасб намудани ҳокимияти сиёсӣ аз воқеоте буданд, ки дар он замон дар кишвар рух доданд.

Ба ибораи дигар, Нурулло Ҳувайдуллоев замоне ҳамчун чеҳраи сиёсӣ ва давлатӣ эътироф гардид, ки дар кишвар омилҳои бадхоҳ ва вайронгар фазои онро мағшуш намуда, бо дастгирии қувваҳои беруна соҳиби пулу аслиҳа гардида, ҷиҳати бо роҳи зӯрӣ ва ғайриқонунӣ аз худ кардани ҳокимият ба мубориза шурӯъ намудааст.

Нурулло Ҳувайдуллоев, воқеан, ҳуқуқшиноси ҳирфаӣ ва шахси далеру ҷасур буд. Барояш волоияти қонун ва риояи он аз ҳама чиз болотар маҳсуб меёфт. Ҳамин буд, ки ҳарчанд он замон баъзе аз шахсиятҳои ниҳодҳои қудратӣ хиёнат варзида, ба алайҳи ҷинояту бесарусомонӣ чашм пӯшида буданд ё аз рӯи тарс мавқеи бетарафиро ишғол намуда, дар баробари ин гуна равандҳо ҳатто вокуниш намекарданд, Нурулло Ҳувайдуллоев бо ҷасорати том аз ҳукумати қонунии ҷумҳурӣ пуштибонӣ намуда, бар зидди ҷиноятқорӣ ва қонуншиканӣ мубориза мебурд.

Нурулло Ҳувайдуллоев ҳеҷ гоҳ бо олами ҷиноӣ ва махсусан бо ҷинояткорони террористи наҳзатӣ созиш накард ва барои ҳар нафаре, ки қонунро вайрон намуда, аз чорчӯбаи он берун рафта буд, парвандаи ҷиноӣ боз намуда, онҳоро ҳамчун ҷинояткор дар назди қонун муаррифӣ карда буд.

Террористони наҳзатӣ аз роҳҳои зиёд истифода намуданд, то ин нафарро ба тарафи худ моил созанд, аммо чун Нурулло Ҳувайдуллоев ахлоқи баланди инсонию касбӣ дошт, дилаш барои миллату кишвараш месӯхт, ҳеҷ гоҳ ҳайсияту виҷдону обрӯи хешро қурбони манфиатҳои пулию молӣ накард. Ҳамин буд, ки Нурулло Ҳувайдуллоев ба як душмани сарсахти ҷиноятпешаҳои наҳзатӣ табдил ёфт ва қотилони миллаткуш тасмими ҷисман аз байн бурдани ӯро гирифтанд ва 24 августи соли 1992 ӯро ҳамроҳи ронандааш ба қатл расониданд.

Террористони наҳзатӣ аввал мошини хизматии ӯро боздошта, ӯ ва ронандаашро аз мошин берун карданд ва амр намуданд, ки Нурулло Ҳувайдуллоев бояд ба зону нишинад ва аз онҳо узр пурсад. Аммо Нурулло Ҳувайдуллоев ҳамчун кӯҳ устувор монд ва ба он палидон ҷавоби рад доду гуфт, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷинояткору одамкуш узр нахоҳад пурсид. Пеши он разилон сар хам накард. Бо шунидани ҷавоби рад террористони наҳзатӣ ба зонуҳояш чанд тир заданд ва пас аз афтоданаш ӯ ва ронандаашро тирборон карданд.

Ҳамин тавр, ҳамагӣ пас аз ду ҳафтаи қатли Нурулло Ҳувайдуллоев, ҳафтуми сентябри соли 1992 бо зӯри аслиҳа Президенти қонунан интихобшударо маҷбуран ба истеъфо бурданд. Террори Н. Ҳувайдуллоев сӯиқасд ба ҳуқуқ, қонун ва адлу инсоф буд, ки ба дасти ҷиноятпешагони наҳзатӣ махсус ва бо тарроҳии пешакӣ сурат гирифт.

Қотилон ҳуқуқдони машҳури собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, инсонеро, ки то лаҳзаҳои вопасини ҳаёташ баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон муборизаву талош варзида, яке аз муаллифони лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои ҳаётан муҳим буд, бераҳмона куштанд.

Гоҳо инсон аз бешармиву палидии саркардагони ҷиноятпешаи наҳзатӣ, ки дар Аврупо имрӯз аз «ҳуқуқи инсон», «волоияти қонун», «ҳақиқату адолат» ҳарф мезананд, дар тааҷҷуб мемонад, зеро онҳо ҳамонҳоянд, ки дар соли 1992 волоияти қонунро дар кишвар аз байн бурданд. Ҳазорон нафарро ба қатл расониданд, кишварро ғорати сартосарӣ карданд. Яъне, нафароне, ки қонуну адолатро дар кишвар қатл карданд, мардумро гирифтори бадбахтиву оворагиву сарафкандагӣ карданд, имрӯз аз адолат ҳарф мезананд. Набояд фаромӯш созанд, ки амалҳои касифона ва бадбахтиҳои ба сари миллати тоҷик овардаашон дар зеҳнияти таърихии миллат сабт гардидааст ва онҳо бо ҳар чеҳрае, ки хешро вонамуд месозанд, чеҳраи хашини миллаткуши даҳшатафканашон ҳамеша бармалост.

Аммо хотираи неки Нурулло Ҳувайдуллоев дар қалби ҳар як тоҷикистонӣ маҳфуз аст. Тамоми ҳамватанони мо хотираи ин инсони шарифро ҳамчун муҳофизи қонуну адолат ва озодии Ватану миллат пос медоранд.

**Раҷабалӣ ХАЙРУЛЛОЕВ,**
**ходими калони илмии АМИТ**

Таассурот

# БИҲИШТ ДАР МОВАРОИ КӮҲСОРОН

**Сӣ сол қабл, бо қарори собиқ Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 июли соли 1992 таҳти рақами 267) бо мақсади таъмини устувории мувозинати биологии табиат, ҳифзу нигоҳдории олами ҳайвоноту набототи нодир, экосистемаҳои хоси табиӣ, мониторинги биологӣ, ёдгориҳои табиию таърихӣ, рушди туризми экологӣ, кӯҳнавардӣ ва амалисозии корҳои илмӣ - тадқиқотӣ оид ба таҳлилу баҳодиҳии равандҳои таъсиррасон ба экосистемаҳои табиӣ Парки миллии Тоҷикистон (имрӯза «Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда») таъсис дода шуд. Майдони умумии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон 3,1 миллион гектар буда, ба онҳо 4 мамнӯъгоҳи табиӣ, се боғи табиӣ, ду филиали Парки миллӣ, 13 парваришгоҳ, 37 ёдгории табиӣ ва дигар объектҳо шомиланд.**






Бо ташаббуси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чанде пеш мо - як гурӯҳ рӯзноманигорони Клуби экожурналистон бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти Резервати биосферии «Ромит» ба дараи Ромити шаҳри Ваҳдат рафтем.

Ҳафтаи аввали моҳи июл дар шаҳри Душанбе ҳарорати ҳаво аз 42 дараҷа баланд буд, вале дар ин мавзеъ аз насими салқину форам баҳра бурда, гарморо чандон эҳсос накардем. Ҳавои дараи зебоманзараи Ромит бо гулу гиёҳҳои кӯҳӣ муаттар гашта буд.

Директори Резервати биосферии «Ромит», собиқадори соҳаи ҳифзи табиат Ҳамоиддин Маҳмудов иброз дошт, ки соли 1959 бо мақсади омӯзиши олами набототу ҳайвоноти минтақа мамнӯъгоҳи «Ромит» таъсис ёфт. Солҳои шастуми асри гузашта ба ин ҷо аз мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» бо мақсади парвариш оҳуи бухороӣ ё «хонгул» оварданд, ки саршумораш хеле зиёд шуд. Мамнӯъгоҳ тайи ин солҳо дар ҳифзи генофонди комплексҳои табиӣ нақши муҳим бозидааст. Оғози солҳои навадуми асри ХХ бо мақсади обод кардани деҳаҳои таркшуда аҳолии қаблан муҳоҷиршуда ба дараи Ромит баргаштанд, ки дар натиҷа панҷ деҳаи нав бунёд шуд.

- Соли 2014, баъди тағйир додани Низомнома, дар ҷои мамнӯъгоҳ Резервати биосферии «Ромит» таъсис ёфт. Масоҳати он аз 16 ҳазору 100 гектари қаблӣ ба 16 ҳазору 478 гектар расид.

Ҳайати кормандон аз 21 нафар ба 31 нафар расонида шуд. Таи ин солҳо дар 60 гектар ҷангал бунёд гардида, беш аз 100 ҳазор бех ниҳоли дарахти мевадиҳандаю сояафкан шинонида шуд,- гуфт Ҳамоиддин Маҳмудов.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати экологии сокинони деҳот бо ҷалби олимону коршиносон ва мутахассисони соҳа машварат гузаронида, дастуру буклетҳо тақсим мешавад.

Муовини директори МД «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмиддин Наҷмиддинов иброз намуд, ки соли 2016 дар 10 гектар парваришгоҳи оҳуи бухороӣ таъсис ёфт. Ҳоло теъдоди оҳувони бухороӣ ба 33 сар расидааст. Инчунин, дар масоҳати 0,02 гектар парваришгоҳи кабки дарӣ сохта шудааст, ки дар он 150 сар кабк нигоҳубин карда мешаванд.

Вобаста ба парвариши кабк, механизми зиёд карданu ба табиат сар додани он корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Резервати биосферӣ дар баландии 1176 - 3195 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифта, дар ҳудуди он 197 намуд гиёҳҳои шифобахш мерӯяд. Дар он хирси маллаи тиёншонӣ, babри барфӣ (озодапаланг), бузи кӯҳии сибирӣ, бургут, гуроз (хуки ваҳшӣ), силовсин ва дигар навъи ҳайвонот дучор меоянд.

Аз қисмати ғарбии резерват дарёи Сардаи Миёна ва аз қисмати шарқии он дарёи Сорво ҷорӣ шуда, якҷоя дарёи Ромитро ташкил медиҳанд. Баъди ба он ҳамроҳ шудани рӯди Ёс дарё номи Кофарниҳонро мегирад. Дарозии Кофарниҳон 387 километр буда, дар ҷануби мамлакат ба Амударё ҳамроҳ мешавад.

Муовини директори МД «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», номзади илмҳои биологӣ Нуралӣ Саидов иброз дошт, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2020 таҳти №195 МД «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз тобеияти Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. 21 июни соли 2013 дар Иҷлосияи 37- уми Кумитаи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар шаҳри Пномпени Камбоҷа ба Феҳристи мероси ҷаҳонии идораи омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) шомил гардид. Масоҳати умумии он 2 миллиону 611 ҳазору 674 гектар буда, 306 ҳазору 613 гектар ҳудуди ноҳияи Тавилдара, 69 ҳазору 912 гектар ноҳияи Лахш ва 2 миллиону 235 ҳазор гектар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро фаро гирифтааст. Пиряхи Федченко, ки яке аз бузургтарин пиряхҳои олам буда, дарозиаш 77 километр мебошад, дар ҳудуди боғи мазкур ҷойгир мебошад. Он манбаи асосии оби тозаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

- Олами набототу ҳайвоноти Боғи миллии Тоҷикистон барои таҳқиқот хеле ҷолибанд. Ин минтақа макони зисти гӯсфанди кӯҳии Марко - Поло (архар), бузи кӯҳии сибирӣ, бабри барфӣ, хирси маллаи тиёншонӣ, ғози ҳиндӣ, мурғи ҳилоли тибетӣ ва ҳимолоӣ мебошад, - гуфт Нуралӣ Саидов.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 сентябри соли 2000 - ум дараи Ромит минтақаи сайёҳию истироҳатӣ эълон шудааст. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ин мавзеи зебоманзара сол то сол меафзояд. Тавре Ҳамоиддин Маҳмудов зикр намуд, дар Резервати биосферии «Ромит» барои сайёҳон хатсайрҳои аспсаворӣ, кӯҳнавардӣ ва дарёнавардӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, якуми июли соли равон намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба ин мавзеи хушманзара ташриф оварданд. Меҳмонон бо осорхона, имкониятҳои технологӣ, намоиши расмҳои манзаравӣ, китобу дастурҳои соҳавӣ ошно гардида, аспсаворӣ карданд. Пас аз баҳрабардорӣ аз тамошои табиати дилангези дараи Ромит меҳмонони хориҷӣ 100 бех ниҳоли дарахтони ҳамешасабз шинониданд. Чунин ташаббусҳо таваҷҷуҳи хориҷиёнро ба туризми экологӣ бештар ҷалб мекунанд.

Тавре Нуралӣ Саидов ба хабарнигорон иттилоъ дод, умед аст, ки оянда Резервати биосферии «Ромит» низ ба Феҳристи мероси ҷаҳонии идораи омӯзиши илмӣ ва фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) шомил шавад.

Тавре зимни сафар эҳсос намудем, воқеан ҳам Резервати биосферии «Ромит» бо олами ғании набототу ҳайвоноташ қалби ҳар бинандаро тасхир месозад.



**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Дурҷи ҳикмат

## КӮЗА ВА ОБ



Дар мақоли шарқӣ омадааст: «Ҳар чизе, ки дар кӯза аст, ба пиёла мерезад».

Агар дар он об бошад ва ту хоҳӣ, ки аз кӯза май бирезад, хоҳиши беҳуда аст.

Одамон низ ҳамин тавранд: баъзан аз шахсе амалҳоеро интизор мешаванд, ки имкони амалӣ карданашро надорад.

## ТАКРОР

Хирадманд ба чанд нафар латифае нақл кард. Ҳама хандиданд.

Вай баъд аз чанд дақиқа боз ҳамон латифаро гуфт. Ин навбат танҳо чанде аз ҳозирон табассум карданд.

Ӯ ҳамон шӯхиро бори сеюм такрор кард, аммо касе нахандид.

Пасон, табассум карду гуфт: «Шумо наметавонед ҳама вақт ба як шӯхӣ хандед. Пас чаро ба чизҳои беарзиш мудом ғам мехӯред?»

## ҲАҚ

- Устод, гуфтед, агар бидонам кӣ ҳастам, хирадманд мешавам, барои ин чӣ кор кунам?

- Аввал аз мардум ҳуқуқи муайян кардани кӣ будани худро бигир.

- Чӣ хел?

- Яке туро бад мегӯяд, ба ӯ бовар мекунӣ ва хафа мешавӣ. Дигаре мегӯяд, ки ту хубӣ, шод мешавӣ. Нафари дигар таъриф ё таънаат мекунад, касони дигаре бовар ё хиёнатат менамоянд. То он даме ки ин ҳақро ба онҳо медиҳӣ, ҳеҷ гоҳ худро пайдо карда наметавонӣ.

Ин ҳақро аз онҳо бигир ва ҳатто аз ман ҳам.



## КИШТИИ ХОЛӢ

Устодам нақл кард, ки дар ҷавонӣ бисёр вақт танҳо ба кӯл мерафтам. Заврақи хурде доштам ба он нишаста, шино мекардам ва соатҳо ба фикр ғӯтавар мешудам.

Сапедадам ба заврақ нишаста, чашмонамро пӯшида, андеша мекардам, ки ногаҳон қаиқи касе ба заврақи ман бархӯрда, тамоми ин ҳамоҳангии субҳро вайрон кард. Аз ин хеле ба хашм омадам. Соҳиби қаиқро сарзаниш карданӣ будам, вале чашмонамро кушода дидам, ки он холист. Касе набуд, ки хашмамро ба сараш резам. Аз ин рӯ, боз чашмонамро пӯшидам ва кӯшиш кардам, ки он ҳамоҳангиро дар худ пайдо кунам.

Чун хуршед тулӯъ кард, оромиш ёфтам. Заврақи холӣ муаллимам шуд. Аз он вақт, агар касе маро хафа карданӣ шавад, танҳо ба худ мегӯям:«Ин киштӣ низ холӣ аст».

## ДЕҲҚОН ВА УСТО

Трактори деҳқон аз кор монд. Ҳама кӯшиши ӯ ва ҳамсояҳо барои таъмир кардани он бенатиҷа шуданд. Ниҳоят мутахассисро даъват намуданд.

Тракторро аз назар гузаронда, стартерро санҷида, капотро баланд бардошта, ҳамаашро бодиққат аз назар гузаронид. Баъд болғаро гирифта, моторро ба нишон гирифта, як маротиба зада, онро ба ҳаракат даровард.



Вақте ки усто варақаи ҳисобро ба деҳқон дод, ба ӯ бо тааҷҷуб нигоҳ карда, хашмгин шуд:

- Шумо барои як зарбаи болға сад танга мехоҳед? - норозиёна пурсид соҳиби трактор.

- Дӯсти азиз, барои як зарбаи болға танҳо як танга талаб кардам ва наваду нуҳ тангаи боқимондаро аз шумо барои он мегирам, ки зарбаро нишонрас зада, нуқсонро ислоҳ кардам, - оромона ҷавоб дод усто.

## РАВШАНФИКР

Аз хирадманде пурсиданд:

- Инсони равшанфикр ва рӯҳониро чӣ гуна метавон шинохт?

Ӯ дар посух гуфт:

- Онҳоро бо сухан, зоҳир ва корашон шинохтан амри маҳол аст. Танҳо фазоест, ки бо ҳузури худ офаридаанд, ошкор мегарданд. Ин ягона далели шинохти онҳост. Зеро ҳеҷ кас қодир нест, дар фазое, ки ба рӯҳаш тааллуқ надорад, ба таври сунъӣ эҷод кунад.

## ИШҚ

Устод аз шогирдонаш пурсид:

- Оё медонед, ки чаро одамон ҳангоми ҷанҷол дод мезананд?

Яке аз донишҷӯён ҷавоб дод:

- Аз он сабаб, ки оромиашонро гум мекунанд.

- Аммо барои чӣ ба шумо дод задан лозим аст? - боз устод пурсид.

Донишҷӯён ҷавобҳояшонро пешниҳод карданд, аммо ҳеҷ кадом ба устод писанд наомад.

Дар ниҳояти кор худаш посух гуфт?

- Вақте ки мардум бо ҳамдигар харҳаша мекунанд, дилҳояшон аз ҳамдигар дур мешаванд. Барои он ки дилашонро холӣ кунанд, онҳо бояд дод зананд. Ҳар қадар ки онҳо хашмгин шаванд, фосилаи байни дилҳояшон бештар шуда, садои онҳо баландтар мешавад.

Вақте ки одамон ошиқ мешаванд, чӣ мешавад? Онҳо дод намезананд, балки оромона матлаби дилашонро баён менамоянд. Зеро дили ошиқон ба ҳамдигар хеле наздик аст, масофаи байни онҳо хеле кам аст.

Агар одамон бештар ошиқ шаванд, чӣ мешавад? Дигар гап ҳам намезананд, балки оҳиста - оҳиста бо ҳам ишораҳо мекунанд ва наздиктар мешаванд. Баъдтар, ба онҳо ҳатто ишора кардан ҳам лозим намеояд, балки танҳо бо нигоҳ якдигарро мефаҳманд.



Пас, вақте ки баҳс мекунед, нагузоред, ки дилҳоятон аз ҳам ҷудо шаванд, ҳарфҳое нагӯед, ки фосилаи байни шуморо боз ҳам зиёд кунад. Зеро рӯзе фаро мерасад, ки масофа он қадар бузург аст, ки шумо роҳи бозгаштро намеёбед.

## КӢ ҲАҚУ КӢ НОҲАҚ?

Ду оила дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд. Дар яке пайваста ҷанҷолу нофаҳмиҳо буду дар дуюмӣ муҳаббату якдигарфаҳмӣ.

Зани ҳамсояи аввал, намефаҳмид, ки чӣ тавр ҳамсояи паҳлуяш бе ҷангу ҷанҷол зиндагӣ мекунад ва ба онҳо ҳасад мебурд. Боре зан аз шавҳараш хоҳиш кард, ки ба назди ҳамсоя рафта, фаҳмад, ки сабаби оромии зиндагияшон чист?

Мард ба назди тирезаи ҳамсоя рафта, бодиққат ба хона нигоҳ кард. Дар ҳуҷра ӯ хонумро дид. Вай чанг пок мекард. Дар он лаҳза занги телефон баланд шуд ва зан саросема гулдони гаронбаҳоро дар канори миз гузошт. Пас аз чанд дақиқа шавҳараш вориди ҳуҷра шуд. Вай гулдонро пай набурда, ба он бархӯрд. Гулдони гаронбаҳо ба фарш афтоду пора-пора шуд.

Ҳамсоя фикр кард, ки акнун ҷанҷол сар мешавад.

Аммо зан ба шавҳараш оромона гуфт:

- Мебахшед, азизам. Ин айби ман аст. Ман гулдонро дар ҷои номуносиб гузоштам.

Шавҳар ба ӯ посух дод:

- Ту маро бубахш, азизам. Айби ман аст, ки гулдонро надидам.

Мард бо нороҳатӣ ба хона баргашт. Занаш сирри оромии оилаи ҳамсояро пурсон шуд.

- Бубин, гап дар он аст, ки дар оилаи онҳо ҳама гунаҳгоранд, дар оилаи мо бошад, ҳама ҳақ аст, - оромона посух дод мард.

**Тарҷумаи**
**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН! БА ТАВАҶҶУҲИ АҲЛИ ЭҶОД

**Иттифоқи журналистони Тоҷикистон озмуни эҷодиро барои журналистон ва публитсистон таҳти унвони «Роғун - арсаи мардонагӣ» эълон менамояд. Озмун дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ бармеояд, «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 ва ба муносибати 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор мегардад.**

Он бо мақсади таблиғу ташвиқи ҳамаҷонибаи саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба истифода додани ду агрегати аввалини Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва идомаи сохтмони ин иншооти бузурги аср, тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва истеҳсолкунандаи «энергияи сабз», эҷоди асарҳои баландмазмуни публитсистӣ ва журналистӣ дар бораи қаҳрамонони заҳмати созандаву ватандӯстона, яъне бунёдкорони иншооти бузурги аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун», расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикии кишвар ва инкишофи инфрасохтори муосири саноатии ҷумҳурӣ, татбиқи ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръати кишвар доир мегардад.

Озмун аз 1 январ то 31 октябр дар давоми солҳои 2022-2026 гузаронида мешавад. Ба озмун маводе, ки аз 2 январ то 31 октябри ҳар сол дар воситаҳои ахбори оммаи чопӣ, сомонаҳои хабарӣ табъу нашр гардидаанд ва дар телевизиону радио пахш шудаанд, пешниҳод мешаванд. Довталабон метавонанд маводи худро бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ 16, ошёнаи якум ирсол доранд. Муҳлати охири пешниҳоди мавод - 1 ноябр.

**Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:**

- мақола дар нашрияҳои чопӣ - 1 ҷои якум - 8000 сомонӣ, 2 ҷои дуюм - 5000 сомонӣ ва 2 ҷои сеюм - 2500 сомонӣ;
- мавод дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои иттилоотӣ - 1 ҷои якум - 15000 сомонӣ, 2 ҷои дуюм - 10000 сомонӣ ва 2 ҷои сеюм - 7000 сомонӣ;
- маводи телевизионӣ - 1 ҷои якум - 20000 сомонӣ, 2 ҷои дуюм - 15000 сомонӣ ва 2 ҷои сеюм - 10000 сомонӣ;
- маводи радиоӣ - 1 ҷои якум- 10000 сомонӣ, 2 ҷои дуюм - 5000 сомонӣ ва 2 ҷои сеюм - 3000 сомонӣ.

Маводи ба озмун пешниҳодшаванда бояд дар сатҳи баланди касбӣ омода шуда, ба муҳтавои озмун ҷавобгӯ бошанд ва набзи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва заҳмати коргарону мутахассисони тоҷикро ҳаматарафа инъикос намоянд. Мавод дар дилхоҳ жанри журналистӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шуда метавонад.

**Барои иштирок дар озмун маводи зерин ба комиссияи озмун пешниҳод мешавад:**

- маълумот дар бораи довталаб;
- асарҳо дар шакли CD (барои маводи радиоӣ) ва DVD (барои маводи телевизионӣ ва филми мустанад) дар 7 нусха;
- маълумотномаи эфири барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ;
- нусхаи маводи чопӣ дар 7 нусха;
- матни маводи дар сомонаҳои интернетӣ нашргардида дар 7 нусха;
- нусхаи шиноснома.

**Иштирокчиёни озмун шахсони ҳуқуқӣ (идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизион ва радио, агентиҳои иттилоотӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва ғайра) ва воқеӣ (рӯзноманигорон, муаллифони шабакаҳои иҷтимоӣ) буда метавонанд. Барои маълумоти иловагӣ метавонед бо телефонҳои 919-32-34-02, 989-99-71-50 ва 000-00-44-33 муроҷиат кунед.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 сентябри соли 2022 музоядаҳои № 16 ва 17-ро оид ба фуруши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**МУЗОЯДАИ № 16**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ 3102 | 2030 E 01 | 1998 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6300 |
| 2 | ГАЗ – 3102 | 2029 E 01 | 2000 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 3 | ГАЗ – 3102 | 0033 E 01 | 2001 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 4 | ГАЗ – 3102 | 0040 E 01 | 2001 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 5 | ГАЗ – 3102 | 0004 B 01 | 2004 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8400 |
| 6 | ГАЗ – 3102 | 8700 A 01 | 2004 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8400 |
| 7 | ВАЗ – 21010 | 601 ZP 01 | 2006 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 8 | ВАЗ – 2107 | 2662 B 01 | 2005 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7700 |
| 9 | ВАЗ – 2106 | 9669 A 01 | 1998 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 10 | ГАЗ – 3102 | 373 XA 01 | 2001 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7700 |
| 11 | ВАЗ – 2107 | 585 XE 01 | 2007 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8400 |
| 12 | Хундай - Старекс | 758 XE 01 | 2000 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10500 |
| 13 | ВАЗ – 2107 | 0907 B 01 | 2004 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| 14 | ВАЗ – 2107 | 0906 B 01 | 2004 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7700 |
| 15 | ГАЗ – 3110 | 5002 B 02 | 1999 | Прокуратураи вилояти Суғд | 4900 |
| 16 | ВАЗ – 2110 | 5006 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3500 |
| 17 | ГАЗ – 31029 | 5018 B 02 | 1993 | Прокуратураи вилояти Суғд | 5600 |
| 18 | ГАЗ – 31029 | 5015 B 02 | 1995 | Прокуратураи вилояти Суғд | 5600 |
| 19 | ГАЗ – 31029 | 5024 B 02 | 1993 | Прокуратураи вилояти Суғд | 5600 |
| 20 | ВАЗ – 21061 | 5022 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 7000 |
| 21 | ГАЗ – 2410 | 5014 B 02 | 1991 | Прокуратураи вилояти Суғд | 6650 |
| 22 | ГАЗ – 31029 | 5030 B 02 | 1996 | Прокуратураи вилояти Суғд | 5950 |
| 23 | ГАЗ – 3110 | 5019 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3500 |
| 24 | ВАЗ – 2107 | 5023 B 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 5600 |
| 25 | Форд Сияра | 5003 B 02 | 1992 | Прокуратураи вилояти Суғд | 2500 |
| 26 | ГАЗ – 3102 | 5011 B 02 | 2001 | Прокуратураи вилояти Суғд | 7000 |
| 27 | Дэу Нексия | 5020 B 02 | 1998 | Прокуратураи вилояти Суғд | 8400 |
| 28 | ГАЗ 3102 | 1000 B 03 | 2005 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 8400 |
| 29 | ВАЗ – 2106 | 1310 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7000 |
| 30 | ВАЗ – 2106 | 1016 B 03 | 1992 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 5950 |
| 31 | ВАЗ – 2106 | 1028 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7000 |
| 32 | ВАЗ – 2106 | 3337 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7000 |
| 33 | ВАЗ – 2107 | 1031 B 03 | 2003 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7350 |
| 34 | ВАЗ – 2107 | 1011 B 03 | 2003 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7350 |
| 35 | ВАЗ – 2106 | 1020 B 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 6300 |
| 36 | ВАЗ – 2106 | 1016 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7000 |
| 37 | ВАЗ – 2106 | 1032 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 7000 |
| 38 | ВАЗ – 2107 | 1021 B 03 | 2007 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 8400 |
| 39 | ГАЗ – 3102 | 1010 B 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 6650 |
| 40 | УАЗ – 31514 | 1026 B 03 | 2000 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 11900 |
| 41 | ВАЗ – 2106 | 1017 B 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 6300 |

**МУЗОЯДАИ № 17**

**- Хундай - Соната, рақами қайди давлатӣ 569 ZB 01, соли барориш - 2005, мансуб ба ҶСК «Тоҷиктелеком» дар шаҳри Душанбе, нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ**

**- Хундай - Соната, рақами қайди давлатӣ 168 ZC 01, соли барориш - 2007, мансуб ба ҶСК «Тоҷиктелеком» дар шаҳри Душанбе, нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 сентябри соли 2022 музоядаи №29 - ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯй | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Компютери тамғаи «Самсунг» (маҷмӯъ - мушак, клавиатура, монитор ва протсессор) | 1 адад | 1620 |
| 2 | Телефонҳои мобилии тамғаи «Редми 10С» | 10 адад | 20500 |
| 3 | Телефонҳои мобилии тамғаи «Редми нот 11» | 10 адад | 23700 |
| 4 | Чойи қоқ - навъи «Тес» | 200 қуттӣ | 24000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 сентябри соли 2022 музоядаи № 18 - ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**- Трактор Т - 40 А, рақами қайди давлатӣ 46-49 ТТ, соли барориш - 1980, мансуб ба Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Левакант, нархи ибтидоӣ - 3200 сомонӣ;**

**- ЗИЛ (обпошак), рақами қайди давлатӣ 07-45 ХТА, соли барориш - 1985, мансуб ба Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Левакант, нархи ибтидоӣ - 2500 сомонӣ;**

**- ГАЗ - 53 (боркаш), рақами қайди давлатӣ 379 ХА 03, соли барориш - 1988, мансуб ба Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - и шаҳри Левакант, нархи ибтидоӣ - 2800 сомонӣ;**

**- Трактор ЮМЗ - 6А, рақами қайди давлатӣ 759 ТТ, соли барориш - 1987, мансуб ба Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Левакант, нархи ибтидоӣ - 3000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 сентябри соли 2022 музоядаи №28 - ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯй | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти қаннодӣ | 197 қуттӣ-422,5 кг | 10140 |
| 2 | Маҳсулоти сақич | 50 адад-400 кг | 2400 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 27 сентябри соли 2022 музоядаи № 3-ро оид ба фурӯши иншоотҳои ғайриманқул барпо менамояд

**- Боғи пойгоҳи обкашии «Сомғор-1» - и Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Гулистон, кӯчаи Соҳил (ба истиснои пойгоҳи обкашӣ, қубурҳои баландфишор ва трансформаторҳо). Нархи ибтидоӣ - 347000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникӣ барои манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ дар шаҳри Душанбе» 29 декабри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гулпарвар ба Асадуллоев Алихон Азизуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо силсилаи НТ №1158634 таҳти феҳристи 1Ш-920-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 28 майи соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Асадуллоев Алихан Азизович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №002511-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1992 ба Минатова Сабзина Мусаваровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ИВ №975458 таҳти қайди 2036-и гумшуда, ки онро Институтии педагогии давлатии Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) соли 1983 ба Давлатов Мирзо Абдулхайрович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК № 0058277 таҳти қайди 3430-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 ба Розыќова Н азокат Саидмуродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1996 ба Зокирова Гулбаҳор Сайдалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0354158-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24 июни соли 2010 ба Балаҷони Сӯҳроб додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №2794-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 29 сентябри соли 2010 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бофанда, бинои 10, квартираҳои 11 ва 11«А» ба Рахмонкулов Халим Амруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №24373-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 31 августи соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/4, ҳуҷраи 29 ба Абдуллаев Одилджон Мухамеджанович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи А №761553-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №64-и ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1976 ба Шарипова Мавҷи Наимовна додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 26 августи соли 2022, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдорони шумора
Ӯ. Назар ва А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров